**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Дилшод Маҳмадзариф дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 44 саҳ).**

Ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ боис гардид, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми нави ҳуқуқию қонунгузорӣ ташаккул ёбад. Дар ин замина институтҳои ҳуқуқии нави ҷиноятӣ рӯйи кор омаданд, ки таҳқиқу омӯзиши он амри зарурӣ маҳсуб мешавад. Дар замони муосир, ки ҷомеа ба марҳилаи нави рақамикунонӣ ворид шудааст, масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ аҳамияти фавқулода пайдо кардааст. Технологияҳои иттилоотӣ, ки дар ҳама бахшҳои ҳаёт густариш ёфтаанд, ҳамзамон бо худ хатарҳои навро низ меоранд. Аз ин ҷост, ки ҷиноятҳои ба муқобили амнияти иттилоотӣ равонашуда ба яке аз хатарҳои ҷиддӣ барои амнияти миллӣ ва байналмилалӣ табдил ёфтаанд. Дар чунин шароит, таҳқиқи масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин гуна амалҳо муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Бо рушди босуръати ҷомеаи иттилоотӣ ва густариши технологияҳои рақамӣ, масоили вобаста ба таъмини амнияти иттилоотӣ ба яке аз масъалаҳои калидии ҳар як давлати ҳуқуқбунёд табдил ёфтааст. Ҷиноятҳои ба муқобили амнияти иттилоотӣ на танҳо амнияти шахсии шахсони алоҳида, балки манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ, аз ҷумла сирри давлатӣ, маълумоти шахсӣ ва амнияти кибериро зери хатар мегузоранд. Аз ин рӯ, таъмини ҷавобгарии ҷиноятии муассир барои чунин ҷиноятҳо ба зарурат табдил ёфта, мубрамияти он дар шароити муосир беш аз пеш эҳсос мегардад.

Новобаста аз ин, бисёре аз ҷанбаҳои илмию амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ дар назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳснок боқӣ хоҳад монд. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи муҳаққиқ Давлатзода Д.М. ба паҳлуҳои норавшани масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ равшанӣ бахшида, барои назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аз аҳаммият холӣ нест.

Диссертатсияи Давлатзода Д.М. фарогири феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Пажуҳишгар дар таҳқиқоти диссертатсионии худ масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ мутобиқи қонунгузории кишвар таҳқиқ намудааст. Муаллиф дар автореферати диссертатсия қайд мекунад, ки «Муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ бо тартиби умумӣ барои таркибҳои асосии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ аз синни 14-солагӣ асоснок ҳисобида намешавад. Бо вуҷуди ин, бо назардошти таҷрибаи баъзе давлатҳои хориҷӣ, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои компютерӣ аз синни 14 ё 15-солагӣ пешбинӣ намудаанд, имкон дорад, бо дарназардошти оқибатҳои ҷиноят ҷавобгарӣ барои таркибҳои вазнинтари чунин ҷиноятҳо аз 14-солагӣ муқаррар карда шава (саҳ. 14-15).

Нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳавӣ, аз ҷумла ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, таълим дар самти ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ғайра саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷу 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Доир ба автореферати диссертатсия эроди зеринро пешниҳод менамоем:

1. Дар пешниҳоди №1 муаллиф менависад, ки «Кирдорҳое, ки ба амнияти иттилоотӣ таҳдид мекунанд, хусусияти қасдона ва ғайриқонунӣ доранд». Истилоҳи «ғайриқонунӣ» дар пешниҳоди мазкур баҳснок мебошад. Оё ба амнияти иттилоотӣ қонунан таҳдид кардан мумкин аст?

2. Дар пешниҳоди №5 муаллиф чунин менависад «Дар соҳаи амнияти иттилоотӣ вобаста ба таркиби ҷинояти мушаххас ба сифати предмети он метавонанд ҳам ҷузъҳои моддӣ ва ҳам ғайримоддӣ баромад кунанд. Ба чунин ҷузъҳо намудҳои гуногуни иттилооти компютерӣ, барномаҳои зараровар, вирусҳои компютерӣ, маълумотҳои рақамӣ ва дигар унсурҳои ба инҳо монанд дохил мешаванд». Оё вирусҳои компютерӣ предмети ин гуруҳи ҷиноятҳо шуда метавонанд? Шарҳи иловагии муаллиф талаб карда мешавад.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсия Давлатзода Дилшод Маҳмадзариф дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои

ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ», кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Муовини якум, муовини ректор оид
ба таълим, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодирзода Д.С.

**Суроға:** 735033, Ҷумҳурии Точикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, маҳаллаи Лучоб, хонаи-73.
Тел. (+992) 98-915-32-32
E-mail: dalerkodirov1990@mail.ru

**Имзои Қодирзода Д.С ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва ҳуқуқи
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи С. Раҳимов Мирзоев О.У.

**Суроғаи муассиса:** 734053, Ҷумҳуриц Точикистон.
ш. Душанбе, н. Сино, маҳаллаи Лучоб-53.
Тел. 224-73-77; факс 224-56-87

«20» июни соли 2025